

# Бахши VI

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ ОИД БА КИБЕРБУЛЛИНГ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

# Бахши 6. Таҳлили вазъ оид ба ҳолати кибербуллинг дар шаҳри Душанбе

## 6.1. Ҷараёни таҳқиқот

Пас аз таҳлили маълумотҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти худамон ба даст омадаанд, ҷанбаҳои зерини мушкилоти бехатарӣ дар Интернет муайян карда шуданд.

1. Фоизи хонандагоне, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ худро ба қайд мегиранд бо рушди синну сол афзуда то ба 100% мерасад. Аксари ҷавонон аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо (мессенҷерҳо) фаъолона истифода мебаранд.

2. Дар ҷараёни пурсиш, 60% пурсидашудагон қайд карданд, ки ба Интернет тавассути компютер дастрасӣ доранд, 30% пурсидашудагон набудани дастрасӣ ба Интернетро қайд карданд ва танҳо 10% қайд карданд, ки компютер доранд, аммо он ба Интернет пайваст нест.

3. Аз пурсидашудагон 87,5% қайд карданд, ки аз Интернети мактабӣ истифода намебаранд ва 21,7% гуфтанд, ки аз Интернети муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода мекунанд.

4. Ҳангоми пурсиш 73,3% посухдодагон қайд карданд, ки ҳангоми дарсҳо ба онҳо қоидаҳои бехатарӣ дар шабакаи ҷаҳонии Интернет фаҳмонда намешавад.

Ҳангоми посух ба савол дар бораи он, ки чӣ қадар аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебаред, ҷавобҳои ҷолибтарин моро интизор буданд: беш аз 70% гуфтанд, ки Интернетро фаъолона истифода мебаранд.

Аксари пурсидашудагон қайд карданд, ки онҳо аз Интернети хонагӣ ва мобилӣ истифода мебаранд.

Ҳангоми пурсиш, 30% хонандагон қайд карданд, ки онҳо дар фазои Интернет бо рафторҳои хушунатомез дучор омадаанд. Наврасон дар Интернет намунаҳои рафтори дағалона, аксар вақт таҳқиромезро мебинанд, аммо онҳо намехоҳанд ба озордиҳандагони маҷозии худ посух диҳанд. 27% пурсидашудагон қайд карданд, ки онҳо бо порнография дар Интернет дучор омадаанд, 15% ба озори ҷинсӣ. 12,5% пурсидашудагон аз фишори равонӣ дар Интернет ва 10% аз даъватҳо барои расонидани зарар қайд карданд. 5,5% посухгӯяндагон қайд карданд, ки бо маълумоти экстремистӣ дучор омадаанд.

Боиси хушнудист, ки зиёда аз 90% пурсидашудагон шабакаи ҷаҳонии Интернетро бо мақсадҳои таълимӣ истифода мебаранд. Дар сӯҳбат бо кӯдакон, 25% қайд карданд, ки онҳо худашон дар Интернет касеро таҳқир кардаанд ва дар бораи оқибатҳои амали беодобонаашон намедонистанд. Ҳангоми вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо, зиёда аз 50% талабгон қайд карданд, ки онҳо дар Интернет мавриди таҳқир қарор мегиранд, таъсир ва оқибатҳои кибербуллингро дар худ ҳис кардаанд, аммо намехоҳанд ин мавзӯъро инъикос кунанд ва дар ин бора бо калонсолон сӯҳбат кунанд. Аммо, 90%-и онҳо қайд карданд, ки агар ягон чизи ҷиддӣ бо онҳо рӯй диҳад, дар ин бора ба волидони худ нақл мекунанд. Ташвишовар ин аст, ки танҳо 3% кӯдакон посух доданд, ки онҳо аз мушкилоти худ дар Интернет ба муаллимонашон нақл мекунанд. Қайд кардан хеле муҳим аст, ки зиёда аз 90% пурсидашудагон омодаанд, ки маълумоти шахсиашон (аксҳо ва маълумот барои тамос)-ро дар Интернет бо одамони ношинос мубодила

кунанд. Тақрибан 83% -и хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ қайд карданд, ки дар ҳаёти воқеӣ онҳо худро бештар роҳат ва масъул ҳис мекунанд.

Дар ҷараёни мулоқотҳо қайд карда шуд, ки зиёда аз 73% посухгӯяндагон намедонанд, ки чӣ гуна худро дар сурати бархӯрд бо рафтори хашмгинонае, ки ба онҳо равона шудааст, муҳофизат кунанд. Ба хонандагон намунаҳои зерини муҳофизат дар сурати бархӯрд бо зуҳуроти кибербуллинг номбар карда шуд.

- Нодидагирӣ: эътибор надодан, нодида гирифтан, посух надодан, оромона рафтор кардан[12].
- Дохил кардани таҷовузкор ба рӯйхати сиёҳ (black list), дастрасӣ ба сафҳаи худро қатъ кардан, ҳамчун спам қайд кардан.
- Усули самарабахши мубориза бо кибербуллинг фишори ҷавобӣ ба ҳисоб меравад: троллинги зеҳнӣ, «ҳуҷум» кардан, тавре ки шахс тарсад, «бо лафзи барояш шоиста ба «дуриҳо рондан», «як ду мушти обдор ба ҷоғаш задан», хашмгинона посух додан, бо спам алайҳаш ҳамла кардан, ба услуби худаш ҷавоб додан.
- Маълумотро ҳифз (сабт) кардан, кӯшиши фиристандаро маълум кардан, ба волидони худ гуфтан, бо маъмури сомона муроҷиат намудан, зуд-зуд рамзу калидвожаро (паролро) иваз кардан ё гузинаҳои хеле душворро интихоб кардан.
- Аз шабакаҳои иҷтимоӣ хориҷ шудан, дар Интернет нашиштан: шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун платформа барои муоширaт хизмат намекунанд.

Иштирокчиёни тадқиқот нуктаҳои асосӣ ва сабабҳои мавҷудияти кибербуллингро дар Интернет муайян карданд.

- 60% фикр мекунанд, ки одамон дар Интернет дигаронро таҳқир мекунанд, зеро ин хандаовар аст.
- 50% ба ин назаранд, ки онҳоро ёфтан наметавонанд ва ин як роҳи бехатар барои изҳори эҳсосоти худ аст.
- 45% боварӣ доранд, ки таҳқир дар Интернет як роҳи интиқом аст.
- 15% чунин мешуморанд, ки касе, ки дар Интернет мавриди озор қарор мегирад, сазовори он аст, зеро онҳо аз ҷумлаи ҳамеша номуваффақонанд.

Пас аз пурсиш, дар асоси натиҷаҳои бадастомада ва хусусиятҳои мавҷудаи падидаи кибербуллинг, метавон хулоса кард, ки кибербуллинг барои наврасон хатари воқеӣ ва таҳдид аст. Хонандагони муассисаҳои таълимии мо дар ҳолати худашон қурбонӣ ё иштирокчии ҳамлаҳо ва террор дар Интернет гардидан, намедонанд, ки чӣ кор бояд кард. Дар асоси маводҳои ҷамъоваришуда дар мавзӯи кибербуллинг, тавассути таҳлили захираҳо дар Интернет, алгоритми амалҳоро барои волидон ва хонандагон дар сурати пайдо шудани чунин вазъ пешниҳод менамоем.